# ТАВЗЕҲНОМА

ба лоихаи Дастурамал "Дар бораи тартиби ба истеъмолкунандагони ташкилотҳои қарзии молиявӣ ифшо намудани маълумот оид ба хизматрасониҳои бонкӣ"

Лоихаи Дастурамали мазкур бахри иҷроиши бандҳои Нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи Афзалиятҳои стратегии Бонки миллии Тоҷикистон оид ба рушди механизми ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017 – 2019 таҳия карда шудааст.

Заминаи меъёрии ҳуқуқии лоихаи санади мазкурро моддаҳои 6 ва 7-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон", моддаи 55-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ", моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд" моддаи 61 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ", моддаҳои 4, 7 ва 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низомҳои пардохтӣ" ташкил медиханд.

Бонки миллии Тоҷикистон барои танзим ва назорат дар фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ масъул аст, вале тибқи қонунгузории амалкунанда дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми бонкӣ барои таъмини ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон бевосита ва ба таври муқаррар масъулият ба зимма надорад.

Гарчанде қонунгузории соҳаи бонкии кишвар дар худ меъёрҳои ҳуқуқиро вобаста ба танзими муносибатҳои миёни ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва истеъмолкунандагони хизматрасониҳои бонкиро дарбар гирад ҳам, вале санадҳои меъёрии ҳуқуқии мушаххас вобаста ба муқаррар намудани талаботи ҳадди ақал ва қоидаҳои ягонаи асосии ифшо намудани маълумот дар бораи хизматрасониҳои бонкӣ ба истеъмолкунандагони хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ мавҷуд нест.

Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми танзим ва назорати ташкилотҳои қарзии молиявӣ бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми бонкӣ, баланд бардоштани сатҳи миёнаравии молиявӣ ва таҳкими боварӣ аҳолӣ ба фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ санади меъёрии ҳуқуқии мазкурро таҳия намуда, ҳамзамон дар он

талаботи ҳадди ақал ва қоидаҳои ягонаи асосии ифшо намудани маълумот дар бораи хизматрасониҳои бонкиро ба истеъмолкунандагони хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзии молиявиро муқаррар намуда аст.

Дастурамал "Дар бораи тартиби ба истеъмолкунандагони хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ ифшо намудани маълумот дар бораи хизматрасониҳои низоми бонкӣ" ифшои маълумот дар се давраи хизматрасонӣ: пеш аз бастани шартнома, ҳангоми бастани шартнома ва дар мурури амали шартномаро бо истеъмолкунандаи хизматрасониҳои низоми бонкӣ муайян намуда, чунин талаботҳои мушаххасро дарбар гирифтааст:

- талаботҳои умумӣ ҳангоми ифшо намудани маълумот дар бораи хизматрасониҳо ба истеъмолкунандагони хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ;
- талабот оиди ифшои маълумот ба истеъмолкунанда то бастани шартнома;
- талабот оиди маълумоти ҳадди ақалл дар шартномаҳои хизматрасонии бонкии ташкилотҳои қарзии молиявӣ;
- талабот оиди маълумоти ҳадди аққал дар муддати эътибори шартнома ифшошаванда;
- ҷораҳо оиди тадбирҳои назорати талабот оид ба ифшои маълумот;
- ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботҳои мазкур.

Дастурамали мазкур бо назардошти таклифу пешниҳодҳои тамоми воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон, инчунин ташкилотҳои қарзии молиявӣ таҳия гашта дар он меъёрҳои қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми бонкӣ ба назар гирифта шудааст.

Қабули Дастурамали мазкур аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагӣ талаб намекунад ва дар сурати қабул гардидани он шароити мусоид барои ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми бонкӣ фароҳам оварда шуда, сатҳи миёнаравии молиявӣ баланд бардошта мешавад ва таҳкими боварӣ аҳолӣ ба фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ меафзояд.

Раис Ҷ. Нурмаҳмадзода

24/12/2019с.